# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба рисолаи илмӣ–таҳқиқотии Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D.010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода соли 2013 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯи ихтисоси педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ бо дипломи аъло хатм намудааст.

Солҳои 2013–2015 ба шуъбаи магистратураи донишгоҳи мазкур аз рӯи ихтисоси педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ дохил шуда, онро низ бо дипломи аъло хатм намудааст. Дар баробари таҳсил дар гимназияи давлатии №1-и ноҳияи Восеъ ҳамчун омӯзгор кор ва фаъолият намудааст.

Солҳои 2015–2018 таҳсили худро дар шуъбаи докторантура (PhD) аз рӯи ихтисоси педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот давом дода ба кори илмӣ–таҳқиқотӣ машғул гардидааст. Дар баробари таҳсил соли 2015 ӯ дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳайси ассистент ба кор қабул карда мешавад.

Солҳои 2019 – 2020 дар шуъбаи умумии донишгоҳи мазкур ба ҳайси мутахассис кор ва фаъолият намудааст. Айни ҳол, саромӯзгори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад.

Солҳои охир диққати Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзодаро масъалаи бетарафии баъзе наврасону ҷавононе ба худ ҷалб намуда буд, ки ба таъсири гурӯҳҳои ифротгароёну равияҳои иртиҷоъпарастони динӣ шомил шуда, ба амалҳои зидди ҷамъият даст мезаданд.

Дар таҳқиқоти Гулрӯи С.Ҷ. ҷойи марказиро дар системаи таълиму тарбия, ин дар рӯҳияи худшиносию худогоҳӣ, озодию истиқлолияти

миллӣ, шаъну шарафи миллӣ, нангу номуси миллӣ, анъанаҳои давлатдорию тамаддуни бою рангини миллӣ ва дигар сифатҳои баланди ахлоқӣ тарбия намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ишғол менамояд.

Асосҳои назариявӣ – таҳқиқотии диссертатсияи Гулрӯи С.Ҷ. аз он иборат аст, ки ӯ дар диссертатсия ба таҳқиқоти таърихшиносон ва педагогону психологони хориҷию ватанӣ такя намуда, масъалаи худшиносии миллии хонандагонро ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик таҳлил намудааст. Ғояҳои асосии диссертатсияро тарбияи худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил дода, корҳои озмоишӣ ва муқаррарӣ дар диссертатсия натиҷагирӣ шудааст.

Дар давраи таҳсил дар шуъбаи докторантураи (PhD) Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода худро ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшинос ва эҷодкор муаррифӣ намуда, имтиҳонҳояшро бо муваффақият супоридааст.

Мақолаҳои илмӣ методии нашрнамуди Гулрӯи С.Ҷ. 14 номгӯйро дар бар гирифта, 8–тои онро мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ба табърасида ташкил медиҳанд, ки онҳо мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода дар конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат варзида, бо маърузаҳои илмӣ баромад намудааст. Ӯ дар байни ҷомеаи ҳамкорон ва донишҷӯён сазовори обрӯ ва эътибори хоса мебошад.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода теъдоди зиёди адабиёти илмӣ, педагогӣ, психологӣ ва таърихиро оид ба мавзуи таҳқиқоти омӯхта, мустақилона таҳлил намудааст.

Диссертатсияи Гулрӯи Сухроби Ҷурахонзода «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D.010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пурра мувофиқ буда, ба ҳимоя тавсия карда шавад.

Бинобар сабаби фавти роҳбари илмӣ, н.и.п., дотсент Расулов Давлатмурод ва каме тағийрот ворид гардидан дар номи мавзуъ, тақризи роҳбари илмии диссертант аз ҷониби мудири кафедраи педагогика умумидонишгоҳӣ н.и.п. Лоиқов Парвиз Ҷумахонович ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод карда шудааст.

Мудири кафедра
номзади илмҳои педагогӣ: Лоиқов П.Ҷ.

*Имзои Лоиқов П.Ҷ. – ро тасдиқ менамоям.*

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.